«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДБЗХТ ба номи Сотим
Улуғзода, д.и.ф., профессор
________ Гулназарзода Ж.Б.
«____» ________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Зикирзода Ҳобил «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ як мавзуи бисёр муҳим ва печида аст, ки дар он озодии фардӣ ва маҳдудиятҳои он дар доираи ҷомеа ва фарҳанги шарқӣ баррасӣ мешавад. Дар ин замина, муҳокимаҳои фалсафӣ метавонанд ба масъалаҳои гуногуни этика, ахлоқ, ҳуқуқ ва дин шомил шаванд. Дар ин фалсафа, озодии инсон аксаран бо таъкид бар масъулияти фардӣ ва рушди маънавӣ ӯ тавъам аст. Мафҳуми озодӣ бо таълимоти динӣ ва анъанаҳои фарҳанги миллӣ зич алоқамандӣ дорад.

Таҳқиқот дар ин соҳа метавонад имкон диҳад, ки чӣ гуна фарҳанг ва таърих бар дарки мо аз озодӣ таъсиргузор бошанд ва чӣ гуна мо метавонем дар ҷомеаи муосир бо ин мафҳумҳо муносибат кунем? Инчунин, мавзуи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи эронӣ, метавонад ба мо дар бораи чӣ гуна бояд ба масъалаҳои глобалии ҳуқуқи инсон ва озодии он дар сатҳи байналмилалӣ назар кунем, роҳнамоӣ кунад.

Дар фалсафаи шарқӣ, озодии инсон аксар вақт бо таъкид ба қобилияти интихоби озод ва масъулияти шахсӣ дар доираи ахлоқ ва ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар ин фалсафа озодии инсон ҳамчун як масъалаи марказӣ баррасӣ мешавад, ки дар он тавозун байни интихоби фардӣ ва масъулиятҳои иҷтимоӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Ин мавзуро метавон дар заминаи таърихи фалсафа, антропология, этика ва дигар соҳаҳои марбут ба фалсафаи инсон ва ҷомеа баррасӣ кард.

**- муҳимияти мавзуи таҳқиқ, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқ ва баррасии мавзӯи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон дорои аҳамият зиёд мебошад. Зеро он ба масъалаҳои асосии инсон, аз қабили озодӣ, ирода ва интихоби инсон дар низоми фалсафии машшоияи шарқӣ

бахшида шудааст. Таҳлили афкори намояндагони мактабҳои ақлгарои ислом, алалхусус, машшоияи шарқӣ ва саъю кӯшишҳои онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодии инсон, дар замони муосир, бағоят муҳим аст.

Консепсияи муосири озодии инсон бо хусусияти умумибашарӣ ва қолабҳои муқарраршудаи озодии фард, аслан тафовути фарҳангҳо, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои динӣ ва ҳуқуқиро сарфи назар мекунад. Барои олимони файласуф далели баҳснопазир он аст, ки дар озодии инсон формулаи ягонаи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва динӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин омузиши чунин масъалаҳо, дар замони муосир, аҳамияти бештаре пайдо мекунанд.

**- сатҳи коркарди дараҷаи мавзуъ ва қобилияти диссертант дар мавриди мушаххас намудани ҷанбаи таҳқиқталаби мавзуъ.**

Диссертант мавзӯъро ба таври васеъ ва амиқ таҳлил намуда, ҷанбаҳои таҳқиқталабро мушаххас намудааст. Дониши хуби назариявӣ дар соҳаи мавзӯъ имкон додааст, ки диссертант масъалаҳои мавҷударо шинохта, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Диссертант манбаъҳои гуногунро таҳлил карда, маълумоти муфидро барои таҳқиқи мавзӯъ истифода бурдааст.

**- мувофиқати объект, предмет ба мавзуи таҳқиқот.**

Дар диссертатсияи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» объект ва предмети таҳқиқот бо ҳам мувофиқат мекунанд. Ба ҳайси объект фалсафаи машшоияи шарқӣ интихоб шуда, предмети он бошад, таҳлили мушаххаси мафҳуми озодии инсон, дар таълимоти фалсафии намояндагони машшоияи шаркро дар бар мегирад.

**-истифодаи методҳои илмӣ ва аппарати методологӣ.**

Диссертант дар қисмати "Асосҳои методологии таҳқиқот" чун анъана ба истифодаи методҳои зерин ишора намудааст: усул ва принсипҳои таърихӣ, байнифаннӣ, синтези комплексии консепсияҳои фалсафӣ ва илмӣ, инчунин усулҳои махсуси таҳқиқотии муқоисавӣ-таърихӣ, усули ягонагии таърихӣ-мантиқӣ. Дар раванди тадқиқот, диссертант, аз руи ин методҳои умумифалсафӣ ва илмӣ амал намуда, ба дастовардҳои хуби илмӣ ноил гардидааст.

**- мувофиқати маводҳои чопии муаллиф бо диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Зикирзода Ҳобил муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**- мувофиқати диссертатсия ба ихтисос.**

Мавзӯи таҳқиқот ва методҳои истифодашуда дар диссертатсия ба талабот ва стандартҳои илмии ихтисоси интихобшуда мутобик мебошанд.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» аз муқаддима, се боб, ёздаҳ параграф, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби якум «Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» чунин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: мафҳуми озодии инсон, равишҳои фалсафии таҳқиқот, омилҳои пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти донишмандони Шарқи исломӣ, равиши ақлгароӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ ва ғайра.

Озодии инсонро метавон ҳамчун имкониятҳои табиии рафтор ва инкишофи инсон дар ҷомеа ва давлат тавсиф кард. Ин хусусиятҳои ҷудонопазире, ки ҳудуди озодиҳои инсонро муайян мекунанд, ба ҳар фард имкон медиҳанд, ки чун узви ҷомеаи мушаххас инкишоф ёбад.

Файласуфони Шарқ, асосан озодии инсонро аз назари мақоми инсон дар силсиламаротибӣ ҳастӣ, чун намояндаи ду олам, баррасӣ мекунанд. Азбаски ҷанбаи ҷисмонии инсон, аз нуқтаи назари аксари мутафаккирони шарқи исломӣ маҳдуди замону макон аст, бинобар ин озодӣ дар таълимоташон бештар бо маънои субъективӣ истифода мешавад ва камтар бо маънои объективӣ. Аммо дар ин боб диссертант кӯшиш мекунад, ки таълимоти машшоияи шарқиро оид ба озодӣ бо озодии пешниҳод намудаи мутафаккирони муосири ғарбӣ муқоиса намуда, заминаи назариявии диссертатсияро таъмин намояд. Аммо маълум аст, ки озодӣ дар тафаккури ғарбиён ҳамеша чун мафҳуми объективӣ вуҷуд дошта, ба худ хусусияти сиёсӣ ва иҷтимоиро мегирад. Дар андешаи шарқиён он чун мафҳуми субъективӣ буда, дорои маънои ахлоқӣ мегардад. Бинобар ин дар ин маврид байни мутафаккирони Шарқу Ғарб бештар таззоди андеша вуҷуд дошта, баррасии таълимоти мутафаккирони Шарқ, аз дидгоҳи ғарбиён, барои муайян кардани муҳтавои таълимоти онҳо, имконият намедиҳад.

Диссертант дар боби мазкур омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмониро мавриди баррасӣ қарор дода, ба гуногунрангии фарҳанги Шарқи исломӣ ва ба таъсирпазир буданаш аз омилҳои берунӣ ишорат мекунад. Диссертант қайд мекунад, ки дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ, озодии инсон ҳамчун як мафҳуми марказӣ мавриди баррасӣ қарор

гирифтааст, ки дар он омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иктисодӣ ва мазҳабӣ накши муҳим бозидаанд.

Мутафаккирони мусулмон ба масъалаи озодии инсон аз дидгоҳҳои гуногун назар кардаанд. Баъзе аз онҳо озодиро ҳамчун ҳакикати фитрӣ ва табиӣ медонистанд, дар ҳоле ки дигарон ба таъсири муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бар озодии инсон таъкид мекарданд. Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар ин раванд накши калидӣ доранд. Ин омилҳо метавонанд шакли андеша, боварҳо, ва рафтори инсонро таҳрик диҳанд ва ба ташаккули ғояҳои озодӣ ва масъулият дар ҷомеа кӯмак кунанд. Масалан, дар ҷомеаҳои мусулмонӣ, масъалаи озодии инсон бо таълимоти динӣ ва фалсафӣ пайвастагии зич дорад ва ҳар ду ба ҳам таъсир мерасонанд.

Сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар ин таълимот метавонанд аз манобеи гуногуни таърихӣ, адабӣ, ва фалсафӣ бошанд. Муфаккирони мусулмон ба мероси фалсафии Юнон, андешаҳои исломӣ, ва таълимоти то исломии Эрон такя кардаанд, то дар бораи масъалаҳои мураккаби инсонӣ, аз ҷумла озодии инсон, фикр кунанд, ин масъалаҳо дар диссертатсия мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарки мусулмонӣ бо таъкид бар ҳамоҳангии байни аклу дин, инсону ҷомеа ва фарду кайҳон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин таълимот нишонгари он аст, ки чи гуна озодии инсон як мафҳуми печида ва бисёрҷанба буда, дар он ҷанибҳои гуногуни инсонӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам таъсиррасон ва вобастаи ҳамдигар мебошанд.

Муаллифи рисола ҷанбаи онтологии озодии инсонро дар таълимоти машшоиёни шарқӣ, дар боби дуюми рисола таҳти унвони «Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» мавриди таҳлил қарор додааст. Ин қисмати рисоларо аз таҳлили масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ оғоз кардааст. Баҳсҳои умумионтологӣ дар бораи озодии инсон ба масъалаҳои чун маҳдудиятҳои физиологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон, ҳамчунин ба масъалаи мавҷудияти озодии вокеии инсон дар ҷомеаи муосир тамаркуз мекунанд. Масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ инчунин ба масъалаи ирода ва кудрати интихоби инсон мепайвандад. Диссертант масъалаҳои компатибилизм, детерминизмро дар таълимоти машшоиёни шарқи мавриди муҳокима қарор медиҳад. Аммо масъалаи индетерминизм сарфи назар мешавад.

Дар фалсафаи шаркӣ, масъалаи озодии инсон бо таваҷҷӯҳ ба мафҳумҳои этикӣ ва маънавӣ, ҳамчунин бо назардошти анъанаҳои динӣ ва фарҳангии хоси ҳар як ҷомеа баррасӣ мешавад.

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар фалсафаи машшоияи шаркӣ яке аз мавзӯъҳои калидӣ мебошад, ки ба таври васеъ дар байни мутафаккирони шаркӣ баррасӣ шудааст. Ин масъала ба тафаккури фалсафии шаркӣ хос буда, дар он муносибати байни қазовати илоҳӣ (ҷабр) ва озодии иродаи инсонӣ (ихтиёр) мавриди таҳлил қарор мегирад. Ҷабр, тақдир ё нерӯҳои берунае, ки ба зиндагии инсон таъсир мерасонанд. Ин метавонад шомили қонунҳои табиӣ, ҳодисаҳои иҷтимоӣ, ё ҳатто иродаи илоҳӣ бошад. Ихтиёр ба қобилияти инсон барои интихоб ва амал кардан бо озодии худ ишора мекунад.

Диссиртант қайд мекунад, ки дар фалсафаи машшоияи шаркӣ, масъалаи ҷабр ва ихтиёр бо масъалаҳои марбут ба масъулияти ахлоқӣ, қазовати илоҳӣ, ва мақсади ҳаёти инсонӣ пайваст аст. Мутафаккирони шаркӣ ба ин масъала аз дидгоҳҳои гуногун назар кардаанд, баъзеҳо ба ҷабр таъкид кардаанд, дар ҳоле ки дигарон ба ихтиёр ва озодии инсонӣ аҳамияти бештар додаанд.

Масъалаи озодии инсон, ба андешаи муаллифи рисола, дар фалсафаи машшоияи шаркӣ бо таваҷҷӯҳ ба консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) мавриди баҳс қарор гирифтааст. Дар боби мазкури рисола масъалаи қазо ва қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шаркӣ низ баррасӣ мегарданд. Ба андешаи муаллиф, дар фалсафаи машшоияи шаркӣ, ин масъала бо саволҳои марбут ба озодии иродаи инсон ва масъулияти ахлоқии ӯ пайваст аст.

Дар боби мазкур, диссертант, масъалаи озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар дар фалсафаи машшоияи шаркӣ, аз ҷумла дар таълимоти Форобӣ, Ибни Сино, Насирруддини Тусӣ таҳлил намуда, ба чунин хулоса меояд, ки назарияи иродаи инсон дар таълимоти Форобӣ хусусияти иҷтимоӣ; дар таълимоти Ибни Сино хусусияти метафизикӣ; дар таълимоти Насирруддини Тусӣ бошад, он дорои хусусияти ахлоқӣ мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия «Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълимоти машшоияи шаркӣ», муаллиф масъалаҳои зеринро таҳлил намудааст: озодӣ ва ахлоқ; адолат ва озодии инсон; озодӣ ва ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ; озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ.

Таълимоти шарқӣ бар он асос ёфтааст, ки озодии воқеӣ танҳо дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ ва бо риояи ахлоқ ва қонунҳои ҷамъиятӣ мумкин аст. Ин озодӣ бо масъулиятшиносӣ ва иродаи инсонӣ зич алоқаманд буда, бидуни интихоби огоҳона ва масъулиятпазирӣ, мафҳуми озодӣ ба маънои пурраи худ номукаммал мемонад.

Дар таълимоти машшоияи шарқӣ, озодии шахсӣ ҳамчун як ҳақиқати иҷтимоӣ ва фардӣ эътироф шуда, ба инсон имкон медиҳад, ки дар доираи ҷамъият ва табиати худ, бо риояи қонунҳо ва арзишҳои муштарак, зиндагии пурмаъно дошта бошад. Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс дар таълимоти машшоияи шарқӣ як масъалаи мураккаб ва бунёдӣ мебошад. Дар ин таълимот, озодии шахсӣ ба таври васеъ ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон эътироф шуда, бо масъулияти ахлоқии ӯ нисбат ба ҷомеа ва дигар афроди он зич алоқаманд аст.

Адолат низ, ҳамчун категорияи фалсафӣ, дар таълимоти машшоияи шарқӣ, аз тарафи диссертант мавриди таҳлил қарор гирифта, онро яке аз аркони асосии озодии инсон маҳсуб медонад. Ин мафҳум ба таври васеъ дар фалсафа ва андешаи шарқӣ баррасӣ шуда, ҳамчун заминаи муҳим барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсонӣ эътироф мешавад.

Дар таълимоти шарқӣ, адолат на танҳо ба маънои баробарии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад, балки дорои маънои фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи афроди ҷомеа низ ҳаст.

Аз муҳокимарониҳои муаллифи рисола маълум мегардад, ки дар масъалаи адолат дар таълимоти машшоияи шарқӣ, таъкид бар ин аст, ки давлат ва ҷомеа бояд шароити мусовии иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам оваранд, то ки ҳар як шахс битавонад ба таври озод ва бидуни маҳдудиятҳои ноадолатона ба рушди фардии худ даст ёбад.

Масъалаи озодии фард дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ, дар таълимоти машшоияи шарқиро муаллифи рисола, масъалаи муҳим ва мураккаб дониста, қайд мекунад, ки он ба мафҳумҳои ҳуқуқ, масъулият ва мақоми инсон дар ҷомеа тааллуқ дорад. Дар ин таълимот, озодии фардӣ ба таври васеъ баррасӣ шуда, ҳамчун як ҳуқуқи асосии инсонӣ эътироф шудааст, ки бояд дар доираи қонун ва бо риояи масъулиятҳои иҷтимоӣ ҳимоя ва таъмин карда шавад.

Ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ин таълимот ба унвони ниҳоде дида мешавад, ки вазифаи он таъмини шароити мусоид барои рушди озодии фардӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад. Ин мафҳум бо таъкид бар ин ки ҳар як фард бояд барои интихоби роҳи зиндагии худ, дар ҷамъият, бо дигарон имконияти баробар дошта бошад.

Дар таълимоти машшоияи шарқӣ, мувофиқи таҳлили диссертант, озодии шахсӣ бо масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии шахс тавъам аст.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертатсия аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба онҳо пеш аз ҳама дохил мешаванд:

1. Дар қисмати «Асосҳои назарияи тадқиқот», диссертант назарияҳои Б. Спиноза, К. Маркис, Э. Фроммро ба ҳайси асоси назарияи тадқиқот қабул намудааст. Аммо чигуна мумкин аст, ки таълимоти донишмандони Ғарб ба ҳайси назарияи тадқиқоти таълимоти машшоияи шарқӣ баромад намоянд ва чи робитае байни таълимоташон вуҷуд дорад, дар рисола чизе гуфта нашудааст.
2. Дар қисмати «Асосҳои методологии тадкикот» муаллифи рисола дар қатори дигар усулҳои тадқиқот усули герменевтикиро низ қайд мекунад. Аммо аз ин усул дар ягон ҷои диссертатсия истифода нашудааст. Дуруст аст, ки дар бораи ин медод, истифодаи он аз ҷониби мутафаккирони гузашта, дар диссертатсия, сухан меравад, аммо ҳамчун методи тадқиқотӣ диссертант онро мавриди истифода қарор надодааст. Дигар ин ки истилоҳи баробармаънии герменевтикаи фалсафӣ дар фалсафаи Шарқи исломӣ таъвил ном дошта, герменевтикаи филологӣ бошад тафсир номида мешавад. Аммо диссертант ин ду мафҳумро бо ҳам омехта мекунад.
3. Диссертант барои заминаи назариявии диссертатсияро таъмин намудан, бе ягон андешаи интиқодӣ, кушиш мекунад, ки таълимоти машшоияи шарқиро, оид ба озодӣ, бо озодии ғарбӣ муқоиса намояд. Аммо маълум аст, ки озодии ғарбиён чун мафҳуми объективӣ буда, дорои хусусияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар андешаи шарқиён озодӣ бештар чун мафҳуми субъективӣ буда, ба худ маънои ахлоқӣ мегирад. Дар ин маврид байни мутафаккирони Шарқу Ғарб бештар таззоди андеша вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, мутобиқкунии маҳсули тафаккури мутафаккирони Шарқ ба тафаккури ғарбиён, барои муайян кардани муҳтавои таълимоти онҳо, натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад.
4. Баъзе ифодаҳо аз забони арабӣ ва русӣ ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шудаанд, ки мазмуни аслии худро гум мекунанд. Барои мисол, «озодӣ ва итоату тобеият» ҷои он истифодаи категорияи ҷуфт: «озодӣ ва бандагӣ» мувофиқтар мебуд. Ё ки мафҳуми «усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва илмӣ», низ тарҷумаи нодурусти русии «общефилософские и научные методы» мебошад. Бинобар ин ба диссертант лозим буд, ки ҳангоми тарҷума ва истифодаи чунин мафҳумҳо ба муҳтавои онҳо бояд диққат медод.

Аммо ин камбудиҳо ба мазмуни умумии диссертатсия таъсир расонида наметавонанд.

Хулоса, диссертатсияи Зикирзода Ҳобил «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода – 8-уми майи соли 2024, суратмаҷлиси №10 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлис 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -15 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Омодасози лоиҳаи тақриз: д.и. фалсафа,
и.в. профессори кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи
С. Улуғзода Карамхудоев Ш.Х.

Раискунанда: мудири кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба
номи Сотим Улуғзода, н.и. фалсафа, дотсент Маҷидов Д.Ҳ.

Котиб: муаллими калони кафедра Мирова Н.Р.

Имзои Карамхудоев Ш.Х.,
Маҷидов Д.Ҳ. ва Мирова Н.Р.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6,
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода (тел: 2325000, 2325009)

04.06.2024